# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна “Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон", ки барои ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) пешниҳод шудааст**

Дигаргунсозии муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир шаклҳои нави муносибатҳои оилавиро ба вуҷуд меоварад. Зиёд шудани шумораи таваллуди кудакони бе никоҳ , талоқдиҳӣ, никоҳи ғайридинӣ ва ғайра ба ташаккули сохторҳои нави оилавӣ оварда истодаанд.

Тағйиротҳои ба амал омада вазифаҳои анъанавии оила, характери муназзим (регулятивии) – и ахлоқи ҷинсӣ дар тақсими вазифаҳо дар оила, ба мавқеи иҷтимоии зан таъсир расониданд, ӯро мустақилтар ва масъулиятшиностар гардонданд. Занҳо маҷбуранд на танҳо вазифаҳои хонагӣ ва тарбияи кӯдаконро ба души худ гиранд, балки дар баробари мардон дар корҳои истеҳсолотӣ иштироки бештар дошта бошанд, ба бизнес ва соҳибкорӣ машғул шаванд.

Модарӣ дар оилаҳои нопура бо як қатор мушкилот меоварад, ки бартараф намудани онҳо аз бисёр ҷиҳатҳо ба шароити иҷтимоӣ, сифатҳои шахсиятӣ ва маънавӣ – ахлоқии модарони танҳо вобаста аст. Аксарияти модарони танҳо берун аз хати (доираи) кабизоатӣ ҷой доранд, ки ин омили мушкилофариди мутобиқ шудани онҳо ба шароити нави ҳаёт мебошад. Анъанаҳои бисёрасраи ёрии иҷтимоии модарони танҳо тағйир ёфтанд. Занҳо маҷбуранд бештар худашон барои зиндагӣ маблағ бозёфт кунанд, ки ин вақти барои тарбияи кӯдакон ҷудокардаро кам мекунад.

Категорияи махсусро модарони танҳои ҷавон ташкил медиҳанд, ки, ҳамчун қоида аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва шахсияти номукаммал буда, маълумот ва ихтисос , тасавурот дар хусуси насибаи иҷтимоии модарӣ, маҳорат ва малакаи тарбияи фарзандро надоранд. Хамаи ин ба таври қатъи дар рафтори зан ва муносибати ӯ ба фарзандон инъикос мешавад. Аз тарафи дигар вазъияти модарони танҳо аз тарафи афкори ҷамъиятӣ маҳкум карда мешавад, чунки ҳамчун анъана занро дар ҳамаи бадбахтиҳо дар оила гунагор мешуморанд.

То дараҷае зиддият байни проблемаҳои иҷтимоӣ ва шахсиятии модарони танҳо ва моҳияти фаъолияти умури иҷтимоӣ, ки бояд ба онҳо ёрдам расонанд ва ҳимояи иҷтиморо амалӣ намояд айён шуда истодааст.

Омӯзиши имкониятҳои иҷтимоӣ ва шахсиятии модарони танҳо барои мӯътадил кардани фаъолияти ҳаётии онҳо дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда бениҳоят актуалӣ мебошад.

Масъалаи модарони танҳо ва модарӣ дар оилаҳои нопурра яке аз масъалаҳои хеле муҳими ҷомеаи Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Мутаассифона, масъалаи модарӣ дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон дар фалсафа ва сотиологияи тоҷик омӯхта нашудааст. Ҳаматарафа омӯхтани чунин зуҳуроти мураккаб масъалаи рӯзмарраи замони муосир мебошад, зеро торафт шумораи модарони танҳо ва оилаҳои тоҷик дар Тоҷикистон меафзояд ва давлат бояд ба таҳқиқотҳои илмӣ такя намуда, дар сиёсати иҷтимоӣ ва низоми ҳифзи иҷтимоӣ ислоҳоти зарурино ворид намояд.

Дар кори дисертатсионӣ муфассал дараҷаи омӯзиши мавзӯъ таҳлил шудааст, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет асоснок шудаанд, нуктаҳои асосии ҳимояшавандаи диссертатсия кушода дода шудаанд. Диссертатсия аз муқадимма, ду боб (7 параграф), хулоса ва руихати адабиёт иборат аст. Хаҷми умумии диссертатсия 150 с.

Барои ноил шудан ба мақсад диссертант масъалаҳое мегузорад, ки ба муайян намудани омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва шахсии пайдоиши оилаҳои нопурра; тавсифи хусусиятҳои ҳаёт ва фаъолияти модарони танҳо дар оилаҳои нопурра; таҳлили вазъи зиндагонӣ ва рафтори стратегии модарони танҳо дар ҳолатҳои мушкили ҳаётӣ; ошкор намудани хусусиятҳои иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурраи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд.

Дар тадқиқоти мазкур усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои хоси илмҳои сотсиологӣ, инчунин усулҳои таҳлили таърихӣ, таҳлили оморӣ, вазифавӣ, муқоисавӣ, баҳогузорӣ ва пешгӯӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқот усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ истифода гардидаанд, ки барои баррасии паҳлуҳои гуногуни масъалаи таҳқиқшаванда мусоидат намудаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки муаллиф дар раванди таҳқиқот бештар ба усулҳои сотсиологӣ такя намудааст, ки он омӯзиш ва баррасии воқеияти масъалаи модарӣ дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Навоварии илмии тадқиқот аз он иборат мебошад, ки аввалин маротиба дар илми сотсиологияи Тоҷикистон зуҳуроти иҷтимоии модарӣ дар оилаҳои нопурра таҳқиқ гардида, назарияҳо ва равишҳои илмии он мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифт. Навгонии илмии тадқиқот дар он ҳам ифода меёбад, ки хусусиятҳои хоси зуҳуроти модарӣ вобаста ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи муосири Тоҷикистон дида баромада шуда, раванди тағйирёбии мақом ва нақши иҷтимоии модарӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ механизмҳои иҷтимоишавии кӯдакону наврасон дар шароити оилаҳои

нопурра ва таъсири рафтори модарони танҳо ба таълиму тарбияи фарзандон нишон дода шуданд. Муайян карда шуд, ки дар сурати аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифз нагардидани модарони танҳо дар оилаҳои нопурра ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ, каҷрафтории иҷтимоии наврасону ҷавонон, иҷтимоишавии нодурусти фарзандон, падидаи худкушӣ, низоъҳои оилавӣ ва афсурдаҳолии равонии модарон меафзоянд.

Нуктаҳои муҳими диссертатсия дар шакли мақола дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА–и Федератсияи Россия эътирофгардида инъикос ёфта, ба нашр расонида шудаанд.

Боби якуми рисолаи илмӣ ба омӯзиши «Асосҳои назариявӣ-методологӣ омӯзиши оилаҳои нопурра» бахшида шуда, дар он мафҳум ва моҳияти оилаи нопурра, назарияҳои сотсиологӣ дар бораи оилаи нопурра, хусусиятҳои зоҳиршавии оилаи нопурра ва намудҳои он дар ҷомеаи муосир таҳқиқ гардидааст.

Модарӣ дар ҳама давру замон яке аз арзишҳои бунёдии умумиинсонӣ ба ҳисоб меравад, ки анъанаҳои фарҳангӣ ва оила аз як насл ба насли дигар дода мешавад. То асри ХХ шакли асосии худтасдиқнамоӣ ва худвоқеъгардонии занон дар вазифаи модарии онҳо ифода меёфт. Занон воситаи нигоҳдошти наслу авлод ва модарӣ таъиноти асосии занон ба ҳисоб мерафт.

Дар шароити буҳронҳо ва тағйиротҳои куллии ҷамъиятӣ таҳвили арзишҳои калидӣ бо шарофати модарӣ имконпазир мегардад. Бо тағйир ёфтани ҷамъият дар муносибатҳои оилавӣ низ дигаргуниҳо роҳ ёфта, боиси пайдоиши падидаҳои нави иҷтимоӣ мегарданд. Ба сифати падидаҳои нави иҷтимоӣ модарони танҳо ва оилаҳои нопурраро номбар намудан мумкин аст. Маълум аст, ки модарӣ дар оилаҳои нопурра ба фазои иҷтимоии оила, иҷтимоишавии фарзандон ва ва иҷроиши вазифаҳои иҷтимоии оила бетаъсир намемонад.

Ба пайдоиши оилаҳои нопурра дар ҷомеаи муосир, аз ҷумла Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ҷудошавии ҳамсарон, таваллуди бе никоҳ, фавти яке аз ҳамсарон, фарзандхонӣ, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва дигар омилҳои объективӣ ва субъективӣ мусоидат менамоянд. Ҳарчанд модарӣ дар оилаи нопурра зуҳуроти ногузири ҷомеаи муосир мебошад, аммо афзудани шумораи он дар ҷомеа боиси пайдоиши як қатор масъалаҳои иҷтимоие мегардад, ки ба рушди устувори ҷомеа, иҷтимоишавии кӯдакон ва муносибатҳои оилавӣ таъсири ногувор мерасонад.

Мушоҳидаҳо ва таҳқиқотҳои гузаронидашуда собит менамоянд, ки шумораи модарони танҳо бо сабабҳои ҷудошавӣ ва ё дигар сабабҳо ботадриҷ меафзояд ва ба як мушкилии ҷиддии иҷтимоии ҷамъият табдил меёбад. Вайроншавии оилаҳо боиси бад шудани ҳолати иқтисодии ҳамсарони ҷудошуда, махсусан, занон ва фарзандони онҳо, бе таълиму

тарбия мондани фарзандони ятим, ба намудҳои гуногуни каҷрафторӣ даст задани фарзандони ҳамсарони ҷудошуда, бад шудани ҳолати равонии ҳамсарони ҷудошуда, ба намудҳои гуногуни каҷрафторӣ даст задани ҳамсарони ҷудошуда мегардад.

Боби дуюми диссертатсия «Шароити зиндагии модарони танҳо дар Тоҷикистони муосир» ба омӯзиши хусусиятҳои иҷтимоии зиндагонии модарони танҳо ва рафтори стратегии онҳо дар ҳолатҳои мушкили зиндагӣ, масъалаҳои иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон, сиёсати иҷтимоии давлат нисбати оилаҳои нопурра дар ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Муаллиф қайд иенамояд, ки занони танҳо дар оилаҳои нопурра махсусан дар масъалаи таълиму тарбия ва таъминоти иқтисодии фарзандон ба як қатор мушкилот гирифтор гардидаанд. Модарони танҳо дар ҳолатҳои мушкили зиндагӣ аз тадбирҳои гуногун истифода мебаранд, махсусан, машғул шудан ба корҳое, ки тахассусмандиро талаб намекунанд ва вақти нопурраи корӣ доранд. Баъзе аз модарони танҳо ба шаҳрҳои калон омада, иҷоранишин мешаванд ва ба корҳои вазнини хастакунанда машғул мегарданд. Ҳамзамон, рӯ овардан ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ барои баъзеи модарони танҳо рафтори стратегӣ дар ҳолатҳои мушкили ҳаётӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, бояд механизмҳои расонидани кумакҳои иҷтимоӣ барои бартараф намудани масъалаҳои оилаҳои нопурра ва модарони танҳо кор карда баромада шаванд.

Пас аз ҷудошавӣ ва ё фавти яке аз волидайн иҷтимоишавии кӯдакони нимятиммонда рӯ ба мушкилӣ меорад. Кӯдакони ятим бо сабаби дуруст иҷтимоӣ нагаштан ва маҳдудиятҳои ҳаётӣ мустақилона аз ӯҳдаи ҳал кардани бисёр мушкилоти худ намебароянд ва ба кӯмаки иҷтимоӣ ниёз доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда собит месозанд, ки кӯдакони оилаҳои нопурра нисбати ҳамсолони дигари худ суст мехонанд Таъсири гурӯҳҳои каҷрафтор ба кӯдакони оилаҳои нопурра нисбат ба оилаҳои пурра се баробар зиёд мебошад. Чунин хусусиятҳо дар иҷтимоишавии кӯдакони оилаҳои нопурра мушоҳида мешавад: таваҷҷуҳи кам доштан ба дониш ва касбомӯзӣ, муоширати маҳдуд ба ҳамсолон, худбаҳодиҳии паст, майл ба танҳоӣ ва ғайраҳо.

Барои иҷтимоишавии муътадили кӯдакон иштироки ҳарду волидайн хело зарур аст. Аксарияти кӯдаконе, ки бе тарбияи падар ба воя расидаанд, мустақил нестанд, худбаҳодиҳии паст дошта, нақшҳои гендериро пурра аз худ накардаанд ва оянда дар ҷомеаҳои анъанавӣ ҷойгоҳи худро пайдо карда наметавонанд. Ҳамзамон модарони танҳо дар оилаҳои нопурра уҳдадориҳо ва масъулияти зиёдро ба зимма дошта, пайваста дар ҳолати изтиробнокӣ ва шиддатноки равонӣ қарор доранд.

Модарони танҳо дар оилаҳои нопурра табақаи камбизоат ва эҳтиёҷманд мебошанд ва ниёз ба кумаку дастгирии моддию молиявӣ доранд.

Дар қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи занон, ташкили шароитҳои имтиёзноки меҳнатӣ ва ҳолати репродуктивии онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Хангоми ба кор қабул кардани заноне, ки қобилияти сусти рақобат дар бозори меҳнат доранд, имтиёзҳо муайян шудаанд. Барои ҳифзи модарӣ як қатор кумакҳо, мисли кумакҳо барои ҳомиладорӣ ва таваллуд дар давоми рӯхсатӣ, кумакпулиҳои ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак, кумакпулии якдаъфаина барои таваллуди кӯдак муқаррар гардидааст. Агар падару модари кӯдак кор накунанд, пас онҳо барои таваллуди кӯдак ҳуқуқи гирифтани кумаки якдаъфаина ва кумакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдакро доранд, аммо дастрасии онҳо ба чунин кумакпулиҳо аз сабаби огоҳӣ надоштан ва паст будани сатҳти донишҳои ҳуқуқӣ маҳдуд мебошад.

Этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои ҳосилшуда, пеш аз ҳама, бо мутобиқати усулҳо ва методологияи таҳқиқот бо ҳадафу вазифаҳои диссертатсия асоснок карда мешаванд. Дар диссертатсияи мазкур миқдори зарурии адабиёти илмии ба мавзуъ дахлдор истифода гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот андешаҳо ва хулосаҳои олимони хориҷи ва ватаниро ба таври фаровон истифода бурдааст.

Саҳми унвонҷӯ дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо оид ба мавзӯи диссертатсия зоҳир мегардад.

Автореферат ва мақолаҳои илмӣ комилан мазмуни диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи **Элмуродова Давлатбӣ Анваровна “Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон”** кори мустақил буда, сатхи назариявӣ ва аҳамияти амалии он ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда метавон ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) пешниҳод шавад

**Роҳбари илмӣ, узви вобастаи АМИТ,**
**доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор,**
**мудири шуъбаи сотсиологияи Институти**
**фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи**
**А.Баҳоваддинови АМИТ** **Ш.Шоисматуллоев**
**afkor@mil.ru**
**+992 508 68 78 (моб.)**

**Имзои Ш. Шоисматуллоевро**
**тасдиқ мекунам**
**Нозири кадрҳо** **Шозедов Х**